# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ**

Фразеологияи тоҷик имрӯз ба марҳилаи нави рушду инкишофи худ расидааст. Оҳиста-оҳиста доираи омӯзиши масъалаҳои фразеологӣ васеъ гашта, паҳлуҳои гуногуни он ба майдони таҳқиқ ворид карда шуданд. Дар ин росто, на фақат сохтору хусусиятҳои маънoии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик, балки фразеологияи осори адибони ҷудогона, шеваҳои забони тоҷикӣ ва фразеологияи муқоисавии забонҳои гуногун, махсусан забони тоҷикӣ ва забонҳои ӯзбекӣ, англисӣ, немисӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Бо вуҷуди ин, хусусиятҳои сохтории фразеологизмҳо ба таври бояду шояд пурра ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала диққати диссертант С.П.Одинаевро ба худ ҷалб намуда, хусусиятҳои гуногуни воҳидҳои фразеологиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони муосири тоҷик» ба яке аз ҷанбаҳои хеле муҳимми фразеологии тоҷик бахшида шудааст ва онро пайгирӣ намудани диссертант қобили дастгирист.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳар боб дар навбати худ аз фаслу зерфаслҳо таркиб ёфтааст.

Дар фаслу зерфаслҳои боби аввал-«Нишонаҳои лингвистии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ», аз нишонаҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ, мавкеи аломатҳои сохторӣ дар таснифоти гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ баррасӣ карда шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия аломату хусусиятҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб таҳқиқ карда шуда, ҳамзамон, онҳо бо гунаҳо ё худ вариантҳои фразеологӣ муқоиса карда шуда, монандӣ ва фарқияти онҳо муайян карда мешавад.

Тибқи масъалагузориҳои ин боб, ҷузъҳои ивазшаванда дар воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аксаран ба маънои аслии худ меоянд ва дар муайян намудани маънои фразеологизм накши асосӣ мебозанд. Ҷузъҳои ба тағйирот дучоргардидаи вариантҳои фразеологӣ бошанд, чунин хусусиятро надорад ва маънои умумии воҳиди фразеологӣ на аз рӯи ҷузъҳои алоҳида, балки дар асоси маънои яклухте муайян карда мешавад, ки аз ҷамъи ҳамаи маънои ҷузъҳои таркиби воҳиди фразеологӣ

бармеоянд. Ин ҷузъҳо баръакси ҷузъҳои ивазшавандаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, бештар ба маънои маҷозӣ меоянд.

Дар боби сеюми кор монандӣ ва фарқияти воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аз муродифот ва мутазодоти фразеологӣ ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Муаллифи диссертарсия бо далелҳои эътимоднокӣ илмӣ ва маводи асарҳои адибони тоҷик умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи ин категорияҳои фразеологиро собит намудааст.

Бо вуҷуди он ки дар автореферат ҷо-ҷо хатоҳои имлоӣ (с.3, 4, 16) дучор мешаванд, ин ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии корро коста намегардонад.

Автореферат бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат менамояд. Кори диссертатсионии Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқаррizi расмӣ:
номзади илми филология,
дотсенти кафедаи филологияи араби
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исмонов Кароматулло Бадридинович

Суроға: 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**E-mail**: usmon1982.82@mail.ru.
Тел.: (+992) 917-44-40-40

Имзои н.и.ф., дотсент Исмонов К.Б.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

01-05-23